Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru, rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат мекунад: бандҳои 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 3. Танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 13. Механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар хоҷагии қишлоқ; 14. Масъалаҳои иқтисодии ташаккулёбӣ ва фаъолияти сохторҳои интегратсионӣ дар КАС ва хоҷагии қишлоқ; 17. Ташаккулёбӣ, инкишоф ва фаъолияти сохтори иттилоотӣ-машваратӣ дар КАС; 28. Баҳодиҳии методологии самаранокии фаъолияти корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС; 42. Ташаккул ва рушди интегратсия (ҳамгироӣ) дар соҳаи кишоварзӣ; 43. Ташаккул ва рушди муносибатҳои рентавӣ ва тақсими даромади корхонаи комплекси агросаноатӣ мувофиқат менамояд.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Тағйироти амиқу ҳамаҷониба дар бахши кишоварзии мамлакат пас аз ба даст овардани истиқлолият ба вуқуъ пайваста, пеш аз ҳама бо хусусӣ гардонидани дороиҳои давлатӣ ва ҷорӣ намудани тартиби истифодаи инфиродии замин дар шароите, ки моликияти замин дар ихтиёри давлат боқӣ мемонд, татбиқ карда шуданд. Ин раванд, заминаи ташаккули шаклҳои нави ҳамкории иқтисодиро фароҳам оварда, ҳамзамон мушкилоту масъалаҳои тозаи иқтисодиро дар шароити номутавозунии талабот ва пешниҳод инъикос менамояд. Яке аз паёмадҳои чунин номутавозунӣ риоя нашудани раванди калидии баланд

бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ мебошад, зеро бо пайдоиши муносибатҳои нав ва шаклҳои муосири ҳамкорӣ арзиш ва сатҳи истифодаи заминҳои кишоварзӣ тағйир меёбанд. Таҷрибаи андӯхташудаи ислоҳоти замин собит месозад, ки пояи ташаккули муносибатҳои фарогири иқтисодӣ таҳия ва татбиқи сиёсати мукаммали истифодаи замин дар чорчӯбаи иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад.

Масъалаҳои истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ, обёрии заминҳои лалмӣ бо технология ва фишангҳои муосир, инчунин боз ба гардиши истеҳсолӣ ҷалб намудани заминҳои аз истифода бозмонда, дар меҳвари сиёсати иқтисодии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2023 таъкид намуданд, ки тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва афзоиши пайвастаи нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор месозад, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, густариши маҷмааҳои агросаноатӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат диққати аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳолате имконпазир аст, ки захираҳои замин самаранок истифода гардида, иқтидорҳои мавҷудаи бахши аграрӣ ба таври дуруст сафарбар карда шаванд. Аз ин рӯ, таҳияи консепсия ва муайян намудани сохтори иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун заминаи муҳими илмию методӣ барои ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ, омӯзиши қонуниятҳои ташаккул ва фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин такмили сохтори истеҳсолӣ ва инфрасохтор аҳамияти калон доранд. Иқтидори иқтисодии замин пояи моддии фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро ташкил медиҳад.

Дар ин замина, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ оид ба истифодаи замин ва баланд бардоштани самаранокии он зарурати ҷамъоварӣ, коркард ва таҳияи дубораи маълумоти омориро ба миён меорад. Дар асоси чунин маълумот метавон қарорҳои идоракунӣ ва танзимиро дар сатҳи минтақаҳо аз нав баррасӣ ва такмил дод. Бо вуҷуди ин, то имрӯз натиҷаҳои назарраси амалӣ дар ин самт ба таври кофӣ мушоҳида намешаванд. Аз ҳамин лиҳоз, масъалаи такмили низоми иттилоотиву таҳлилӣ дар идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, инчунин такмил додани усулҳои баҳодиҳии сармоягузорӣ ва натиҷаҳои ислоҳоти замин дар бахши аграрӣ аҳамияти хосса пайдо кардааст.

Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи механизми мукаммали таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ оид ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ,

бо дарназардошти ҷанбаъҳои институтсионалӣ ҳангоми таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии миллӣ ва минтақавӣ, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок арзёбӣ мегардад. Ин имконият фароҳам меорад, ки дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ бештар таҳлил ва арзёбӣ карда шавад.

Аз таҳлили нуктаҳои зикршуда бармеояд, ки такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар ҳудудҳои муайяни иқтисодӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон, аҳамияти мубрам дорад. Барои расидан ба сатҳи баланди истифодаи иқтидори иқтисодии замин, зарур аст, ки асосҳои назариявию методии такмили механизми мазкур таҳия ва татбиқ гардида, низоми мониторинги заминҳои кишоварзӣ тавассути ба роҳ мондани низоми муосири иттилоотии ҷуғрофӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои интернетӣ, фаъол карда шавад.

Дар ин замина, интихоби мавзуи диссертатсионӣ ҷавобгӯйи ниёзҳои воқеии рушди иқтисоди миллӣ буда, зарурати таҳияи асосҳои илмии таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи замин дар соҳаи аграрии кишварро тақозо менамояд.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Навоварии илмии диссертатсия аз таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии илман асоснокшуда, ҷиҳати таъминоти иттилоотиву таҳлилии ташкилу идораи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар асоси арзёбии иқтидори иқтисодии онҳо ва коркарди тавсияҳои методиву амалӣ оид ба мукаммалгардонии методҳои амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ дар вилояти Хатлон бо мақсади беҳтарсозии вазъи кишоварзӣ иборат мебошад. Диссертант чунин навгониҳои илмиро асоснок карда, пешниҳод намудааст:

- аз ҷониби диссертант муқаррароти муаллифӣ доир ба моҳияти иттилоот, ки нишонаи мундариҷаи объект - заминҳои кишоварзиро ифода намуда, барои паст кардани сатҳи номуайянӣ дар ташкилу идораи равандҳои истифодаи самараноки иқтидори онҳо хизмат менамояд, баррасӣ шуда, барои шарҳи моҳияти стратегии захираҳои иттилоотӣ оид ба заминистифодабарии кишоварзии муассир вазифаҳои онҳо тавсифу тасниф карда шудааст;

- дар таҳқиқот заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили асосии истеҳсолот ва иқтидори иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун манбаи даромад, макони истифодаи захираҳои меҳнатӣ, воситаҳои техникиву технологӣ ва ҳамчун захираи инвеститсионӣ мебошад, ки бояд дар маҷмуи иттилоотиву

таҳлилӣ ворид гардад, маҷмуи принсип ва воситаҳои арзёбии иқтисодии иқтидори заминҳои кишоварзӣ ва сармоягардии онҳо дар сатҳи минтақа, ки дар ҷавҳари системаи иттилоотиву таҳлилии идораи раванди истифодаи самараноки заминҳо қарор мегирад, асоснок карда шудааст;

- унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқот вазъи таъминоти иттилоотии идоракунии заминистифодабарии кишоварзӣ дар вилояти Хатлон баҳогузорӣ намуда, самаранокии истифодаи он ҳамчун маҷмуи бисёрҷанба, аз ҷумла бисёр равандҳо ва падидаҳои алоҳида ва дар айни замон бо ҳам зич алоқаманд ва вобаста баррасӣ шудааст, муаммо ва омилҳои маҳдудкунандаи самаранокии такрористеҳсоли захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ мутобиқ набудани воситаҳои мавҷудаи танзими муносибати субъектҳо нисбат ба замин ва меъёрҳои ҷаҳонӣ бо назардошти дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ муайян карда шудааст;

- дар раванди таҳқиқоти илмӣ, диссертант тавсия оид ба таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки ба васеъшавии такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ ва беҳтаршавии вазъи ҳисобҳои оморӣ, муҳосибӣ ва таҳлилии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (деҳқонӣ ва фермерӣ) аз ҳисоби такмили механизмҳои дастгирии давлатии такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ ва дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ мусоидат менамояд, асоснок карда, пешниҳод намудааст.

Дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки ба назари муаллиф шомили нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд:

- муқаррарот оид ба ворид намудан ба моҳияти таъминоти иттилоотиву таҳлилии ташкили идораи заминистифодабарии самараноки кишоварзӣ, инчунин таснифи унсурҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ;

- тавсифи моҳияти иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун унсури асосии истеҳсолот, нафънокӣ ва қобилияти истеҳсолии онҳо дар системаи захираҳои истеҳсолӣ, асонок намудани ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ таҳияи меъёру нишондиҳандаҳои он, ки дар системаи таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ инъикос меёбанд;

- муайян намудани тамоюлоти сатҳи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи минтақа, алалхусус дар вилояти Хатлон бо истифода аз механизми амалкарди иттилоотиву таҳлилӣ, ки дараҷаи таъсиррасонии омилҳои гуногун, пеш аз ҳама, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, инчунин, муаммоҳо дар роҳи такрористеҳсоли иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ;

- асосноккунии пешниҳодот доир ба мукаммалгардонии усулҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ вобаста ба унсурҳои низоми идораву ташкили такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ, ки онҳо ба ҳайси механизмҳои маҷмааи баланд бардоштани сатҳи истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ баромад намуда, дар асоси он коркарди тавсияи амалӣ доир ба таъсиси кластери иттилоотии замин, тавсифу таснифи сохтору вазифаҳои он, ки низоми густурдаи иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро амалӣ мекунад.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияи дар диссертатсия зикршуда. Диссертант дар асоси таҳлилҳо мафҳуми муаллифии худро оид ба самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси механизми иқтисодии амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ қайд намудааст. Низоми истифодаи замин, дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ такмили муносибатҳо ба замин ва шароити мавҷудбудаи умумиро дар минтақаҳои мамлакат ба андозаи кофӣ инъикос намекунад. Ҳолати ҳозираи низоми институтисионалӣ дар бораи кофӣ набудани асоси консептуалии танзим ва доир кардани ислоҳоти мақомоти идоракунӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин ҷо мавқеи махсус ба ваколат ва салоҳиятҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дода мешавад ва он ҳамчун субъекти асосии амаликунандаи фаъолияти иқтисодии нақшаҳои барномаҳои минтақавӣ баромад менамояд (с.25-26).

Унвончӯ дар асоси таҳлилҳо қайд менамояд, ки ба роҳ мондани истеҳсолоти дурусти маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, ташкили фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидор ва дар ин асос мутобиқ ва мувофиқ сохтани уҳдадорӣ ва салоҳияти онҳо ба он оварда мерасонад, ки заминҳои кишоварзӣ мақсаднок мавриди истифода қарор дода мешаванд ва дар шакли «автоматӣ» дараҷаи самаранокии онҳо баланд бардошта мешавад. Аз ин рӯ, бефаъолиятӣ, бепарвоии ҷамоатҳо нисбат ба таназзули хок, ки сабаби аз гардиши кишоварзӣ баромадани заминҳои ҳосилхез ва дигар ҳодисоти номаталуб мегардад ба амал меояд (с. 33).

Дар диссертатсия аз тарафи унвончӯ қайд гардидааст, ки дар шароити муосир мавҷуд набудани иттилооти зарурӣ барои таҳлил ва арзёбии воқеии вазъи соҳа имкониятҳои ояндаро маҳдуд менамояд. Дар баробари ин, раванд ва ҷараёнҳои фурӯши маҳсулоти истеҳсолгардида низ ба таъминоти иттилоотиву таҳлилии соҳаи кишоварзии мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи он низ дар оянда мушкилот ва муаммоҳои рушдро ба миён мегузорад. Агар сарчашмаи асосии даромадгирӣ аз замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолӣ, ки ба моликияти гуногун тақсим мешавад, ба миён гузошта шавад, пас дар чунин ҳолатҳо интихоби усули нави

пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳавӣ, пеш аз ҳама соҳаи кишоварзӣ боз ҳам васеъ мегардад (с. 74).

Ғайр аз ин, муаллиф бар он ақидааст, ки бо роҳи ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ коркарди ҳарчи бештари заминҳои бекорхобидаро дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Вахши вилоят ба роҳ мондан боиси васеъ гардидани масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ ва киштзорҳои обёришаванда мегарданд. Маъмул аст, ки рушди иқтисодиёти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои он ба сатҳу сифати заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад (с. 86).

Ба андешаи муаллиф, самараи иқтисодиро бо роҳи тағйир додани технология, тағйир додани миқёси истеҳсолот, гузаштан ба структураи нави ташкилӣ ва дигар роҳҳо ба даст овардан мумкин аст. Бинобар ин, таҳлили тараққиёти минтақавӣ бояд аз омӯзиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва самараи истеҳсолот оғоз ёбад. Унвонҷӯ омили асосии зиёд кардани самараи истифодаи заминро дар кишоварзӣ дар интенсификатсия мебинад, ки маблағгузории захираҳоро дар асоси татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ бо мақсади аз 1 гектар зиёд кардани маҳсулот бо харҷи камтарини воҳиди маҳсулот мусаллаҳ мегардад (с. 98-99).

Дар диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ қайд гардидааст, ки хоҷагиҳои сершумори нисбатан хурди дар қитъаи кучаки майдони кишт ташкил шуда, дар натиҷаи ҷудо намудани ҳудудҳои худ бо тариқи афзун намудани шумораи ҷуйборҳо беш аз 10-15 фоизи майдони нафъноки замин аз гардиш баромадааст. Бинобар он муаллиф пешниҳод менамояд, ки минбаъд васеъ намудани шумораи кооперативҳои истеҳсолӣ, артелҳои калони кишоварзӣ талаботи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва гузариш ба равиши нави ташкиливу технологӣ зарур мебошад (с. 111).

Унвонҷӯ дар асоси таҳлилҳо қайд менамояд, ки дар айни замон, вақте ки масъалаи таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ, ғанӣ гардонидани иқтидори бозори дохилии озуқаворӣ ҳамчун ҳадафи стратегии давлат ба мадди аввал гузошта мешавад, аз ин рӯ, масъалаҳои ташкили оқилона ва самаранок истифода бурдани замин ҳамчун роҳи ба амал баровардани ин мақсад низ вазифаҳои муҳим ва таъхирнопазир мешаванд. Ба ин муносибат қайд кардан лозим аст, ки мақсади таъйиноти як навъи замини кишоварзӣ, махсусан, замини корам бояд шароити истифода ва такористеҳсолкунии онро муайян намояд (с. 127).

Илова бар ин, аз тарафи унвонҷӯ баъд аз таҳлили маълумотҳо дар диссертатсия қайд гардидааст, ки баҳодиҳии давлатии кадастрии заминҳои

кишоварзӣ барои муайян кардани ченакҳои арзишии бақайдгирии заминро аз ҳисоби фоидаи иҷоравии замин барои субъектҳои хоҷагидор нишон дода, маълумотҳои солҳои қаблиро дар асоси харочотҳои сметавии истифодаи 1 гектари замини кишоварзӣ муайян менамоянд. Дар ин ҷода бояд дастури нав оид ба баҳодиҳии давлатии кадастрии заминҳои кишоварзӣ тасдиқ карда шавад (с. 145-146).

5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия мантиқ, тартиби таҳқиқот ва алгоритми ҳалли масъалаҳои гузошташударо инъикос мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯйи адабиёти илмӣ, ки 122 сарчашмаро дар бар мегирад, иборат аст. Рисола дар 204 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардида, аз 14 расм ва 31 ҷадвал иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шудаанд. Инчунин асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, навгонии илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот тафсир шудааст (с. 4-14).

Дар боби якум «Ҷанбаъҳои назариявӣ-методологии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ» тавсиф дода шуда, асосҳои назариявии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои таъйиноти кишоварзидошта ва таҷрибаи ҷаҳонӣ доир ба ташкили таъминоти иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, (С.16-76).

Натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф дар ин боби диссертатсия нишон медиҳад, ки ӯ зимни таҳқиқи моҳияти иқтисодӣ ва асосҳои назариявӣ таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз асарҳои классикони илми иқтисод, донишмандони хориҷиву ватанӣ васеъ истифода намуда, дар асоси андешаи онҳо таснифоти мукаммали онро пешниҳод намудааст (с. 16-37).

Зимнан, муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои таъйиноти кишоварзидоштаро муайян намуда, масъалаҳои вобаста ба беҳтаршавии фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор, механизмҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ, дарёфти сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ ва сармоягузории соҳаро пешниҳод намудааст (с.38-57).

Дар диссертатсия таҷрибаи хориҷии ташкили таъминоти иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ омӯхта шуда, муаллифи диссертатсия арзёбии иқтисодии заминро ҳамчун омили истеҳсолот ва

воситаи асосии пешбурди фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳоро дар мамлакатҳои Федератсияи Россия, Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Узбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон таҳлил намуда, истифодаи ин таҷрибаро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст (с. 58-74).

Дар боби дуюм «Арзёбии ҳолати муосири истифодаи самараноки захираи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон» таҳлили ҳолати муосири соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар асоси таъминоти иттилоотии он, арзёбии иқтидори иқтисодии захираи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон ва ошкорсозии муаммоҳои баланд бардоштани иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ таҳлил карда шудааст.

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳамияти амалӣ мебошанд, зеро дар доираи он ҳолат ва тамоилҳои рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ таҳлил гардида, арзёбии иқтидори иқтисодии захираи заминҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст. Инчунин, муаммоҳои баланд бардоштани иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ошкор карда шудаанд.

Дар ин боби диссертатсия муаллиф таҳлили ҳолати муосири соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақавӣ, низоми муносибатҳои замин, динамикаи заминҳои кишт ва маҳсулоти кишоварзӣ, нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии кишоварзӣ, вазъи молиявии ташкилотҳои кишоварзӣ, ҳолати идоракунии заминҳои кишоварзӣ, динамика ва сохтори замини истифодашудаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон, заминистифодабарандагони соҳаҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои мамлакат, заминҳои истифодабарии корхонаҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои вилоят, роҳи ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои коркарди заминҳои бекорхобида, истифодаи самараноки захираҳои соҳаи кишоварзӣ, муносибатҳои замин аз рӯйи аҳаммияти экологиву иқтисодӣ дар минтақа, истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо, истифодаи самараноки майдони кишти зироатҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, раванди такрористеҳсоли заминҳои ҳосилхези кишоварзӣ, низоми ягонаи истифодаи замин, таркиби дороиҳои корхонаҳои кишоварзӣ, қарздории кредиторӣ корхонаҳои кишоварзӣ, маблағҳои корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, мавҷудияти захираҳои истеҳсолӣ ва хароҷоти корхонаҳои кишоварзии вилоятро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки сол то сол вобаста ба афзоиши аҳолӣ миқдори замин ба ҳар сари аҳолӣ кам шуда, барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва такрористеҳсоли он қисми рентаи онро ба ин мақсад сафарбар кардан зарур аст ва барои зиёд

намудани ҳаҷми истеҳсолот зарурияти ҷалби сармоягузориҳои қарзӣ ба миён меояд (с. 77-130).

Таҳлилҳои муаллиф нишон медиҳанд, ки истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ба сатҳу сифати таъминоти боэътимоди иттилоотӣ, ки аз низоми ҷамъоварӣ ва пешниҳоди иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба истифодаи замин дар тамоми сатҳои маъмурию ҳудудӣ иборат аст, вобаста аст. Аз ин лиҳоз, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар ин самт таҷрибаи хориҷии механизмҳои иқтисодии муносибат ба замин истифода шавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ корхонаҳои давлатии аграрӣ рақобатпазир мебошанд.

Солҳои охир вилоят яке аз минтақаҳои ҷолиби нокифояи сармоягузорӣ ва сатҳи баланди таваккалӣ ба ҳисоб меравад, ки ба вазъи иқтисодии он таъсири манфӣ мерасонад. Роҳи ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ коркарди ҳарчи бештари заминҳои бекорхобидаро дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии минтақа ба роҳ мондан боиси васеъ гардидани масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ ва киштзорҳои обёришаванда мегарданд. Сармоягузорӣ заминаҳои зарурии умумии кори самараноки механизмҳои дастгирии давлатиро фароҳам меорад, ки кӯшишҳои онро муттаҳид ва ташкил мекунад, эҳтимолияти хатогиҳо ва қабули қарорҳои ғайримантиқиро коҳиш медиҳад (с. 78-95).

Хусусияти ҷалбкунандаи диссертатсия дар он аст, ки муаллиф таҳлили ҳолати муосири истифодаи самараноки захираҳои замини соҳаи кишоварзиро анҷом дода, маълум менамояд, ки арзёбии равандҳо ва ҷараёнҳои ҷойдошта бояд дар асоси хусусиятҳои махсуси он ба роҳ монда шавад. Чунки ҳангоми арзёбии мавқеи захираҳои соҳаи кишоварзӣ муаммоҳо ва мушкилотҳои соҳавӣ ҷой доранд ва барои бартараф намудани онҳо чораҳои зарурӣ бо назардошти манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор бояд таҳия ва коркард карда шаванд.

Ин пеш аз ҳама ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии замин, фароҳам овардани шароити мусоид (иқлимӣ) сармоягузорӣ зарур аст ва он ба беҳтаршавии сифати заминҳои истифодагардида ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолгардида оварда мерасонад, дахл дорад. Сармоягузорӣ дар ҳалли масъалаҳои стратегии соҳаи кишоварзӣ, таъмини маблағгузории асосӣ барои навсозии иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва бунёди корхонаҳои нави кишоварзӣ нақши асосиро мебозанд, вале дар баробари ин, бояд ҳар як корхонаи кишоварзӣ бояд маҷмуи тадбирҳои ҷалби сармояро амалӣ намояд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳаҷми зарари

корхонаҳои кишоварзӣ тамоюли камшавӣ дорад, сабаби асоси болоравии ҳаҷми қарздории кредитории онҳо шуда метавонад (с. 96-125).

Дар боби сеюм «Роҳҳои бехтар намудани таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон» танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ таҳқиқ гардида, такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ асоснок карда шудааст (с.131-178).

Ба андешаи муаллиф, ки дар асоси таҳлилҳои ӯ ба миён омадаанд, хусусиятҳои ҳар як соҳаи иқтисоди минтақа, махсусан бахши воқеии иқтисодиёт, яъне тавлидкунандаи асосии маҳсулотҳои истеҳсолӣ ҳангоми ҷой доштани таносубҳои соҳавӣ ва фишангҳои танзими давлатии иқтисодиёт мушоҳида карда мешаванд, зеро дар соҳаи кишоварзӣ хусусиятҳои махсус ҷой доранд ва онҳо зери бевоситаи дигаргуниҳои сохторӣ ва таҷдиди сохтори амудии идоракунӣ ниёз доранд. Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани танзими давлатии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва дигар унсурҳои таркибӣ васеъ мегардад.

Баҳодиҳии давлатии кадастрии заминҳои кишоварзӣ барои муайян кардани ченакҳои арзишии бақайдгирии заминро аз ҳисоби фоидаи иҷоравии замин барои субъектҳои хоҷагидор нишон дода, маълумотҳои солҳои қаблиро дар асоси хароҷотҳои сметавии истифодаи 1 гектари замини кишоварзӣ муайян менамоянд. Дар ин ҷода бояд дастури нав оид ба баҳодиҳии давлатии кадастрии заминҳои кишоварзӣ тасдиқ карда шавад, зеро ки аҳамияти муҳим дорад (с.132-145).

Муаллиф дар асоси таҳлилҳо ва омӯзиши такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ба хулосае меояд, ки танзими давлатӣ яке аз унсурҳои асосии идоракунӣ буда, дар худ таъсири бевоситаи як фишангро ба ҳолати иқтисодӣ нишон дода, фаъолияти субъектҳои иқтисодиро ба эътидол меорад. Дар чунин ҳолатҳо соҳаи кишоварзӣ муносибатҳои иқтисодиро ба он тарзе нишон медиҳад, ки манфиатҳои субъектҳо пурра ба инобат гирифта мешаванд. Масалан, тақсими заминро аз соҳибони моликият ба дараҷаи самаранокии фаъолияти онҳо мутобиқ сохта, хусусиятҳои минтақаҳои давлат аз нуқтаи назари арзишҳои озод (либералӣ) самарае ба бор меоварад ва он натиҷаи муфидро ба даст мегирад. Асоси дастгирии

давлатӣ ва танзими фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба ташкили заминаи иқтисодӣ барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ташаккули мақсад авлавиятҳои стратегӣ, арзишҳои иқтисодӣ ва интихоби самти фаъолият ба ҳолати тавозунии арзаю тақозои бозорӣ ба маҳсулотҳои кишоварзӣ ва танзими муносибатҳои пулӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ сурат мегиранд, алоқамандии зич дорад (с.149-153).

Муаллиф таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро ба соҳаи кишоварзӣ маҳсуб медонад. Бо ин мақсад, диссертант барои таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии соҳаи кишоварзӣ меъёрҳои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар комплекси агросаноатӣ таҳқиқ намуда, механизми амалкарди онро тавсия медиҳад. Инчунин, масъалаи такмили механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузориро ҷиҳати истифодаи самараноки замин, ба назар гирифтани хусусияти минтақавии заминро дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод менамояд (с.163-167).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои асосии аз ҷиҳати назариявию амалӣ ва тавсияҳои судманд барои рушди ояндаи объекти таҳқиқот анҷом меёбад, ки асоснок мебошанд (С.181 - 187).

6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар сатҳи баланди таҳлили масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, таҳияи низоми идоракунии такрористеҳсоли захираҳои замин, ва барномаҳои рушди комплекси агросаноатӣ, инчунин аз табдил додани муқаррароти назариявӣ, усулҳо ва моделҳо ба шакли тавсияҳои амалӣ ифода меёбад. Ин тавсияҳо метавонанд аз ҷониби субъектҳои комплекси агросаноатӣ ба таври амалӣ истифода шуда, ба баҳодиҳии заминҳои кишоварзӣ ва таҳкими устувории рушди соҳаи кишоварзӣ дар кишвар мусоидат намоянд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар ташаккули низоми самараноки идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар раванди коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқии ниҳодҳои давлатии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муҳақиқони ватанию хориҷии ин соҳа метавонад хизмат намояд.

Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар идоракунии раванди самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ, арзёбии иқтидори онҳо тавассути баланд бардоштани самаранокии иқтисодии раванди соҳаи кишоварзӣ бо ҷалби бештари сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ, мукаммалгардонии методҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ва дигарон асос меёбад.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи

таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таълим барои омода намудани бакалавр, магистрон ва докторантон, барои хондани фанҳои махсус, ба монанди «Микроиқтисод», «Иқтисодиёти КАС», «Иқтисодиёти соҳавӣ», «Идоракунӣ дар комплекси агросаноатӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Заминсозӣ» ва дигарҳо истифода шуданаш мумкин аст.

7. Нашри натиҷаҳои таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ. Натиҷаҳои диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгаридида дар ҳаҷми 4,25 ҷузъи чопӣ инъикос ёфтаанд.

Мутобиқи мақсади гузошташуда ва масъалаҳои таҳқиқот нақшаи кори диссертатсионӣ мураттаб гаридааст, ки аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

8. Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ". Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

9. Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ.

Дар раванди таҳияи таҳқиқоти илмӣ, диссертант ба натиҷаҳои муҳим ноил гардидааст, ки онҳо аз иштироки фаъолонаи мустақими ӯ дар тамоми марҳилаҳои иҷрои нақшаи диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд. Аз ибтидо - интихоби мавзуи таҳқиқот, асоснок намудани мубрамияти он дар заминаи талаботи стратегии иқтисоди миллӣ, муайянсозии ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот - то таҳияи пешниҳодҳои амалӣ, ки самтҳои асосии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ дар марҳилаи муосири рушди он фаро мегиранд, саҳми шахсии муаллиф возеҳ ба назар мерасад.

Ин пешниҳодҳо на танҳо бо таҳлили назариявӣ маҳдуд намешаванд, балки тавсияҳои амалӣ пешниҳод мекунанд, ки метавонанд дар сиёсати кишоварзӣ татбиқ ёбанд. Маҳз, ҳамин пайвастагии назария бо амалия, ки бо иштироки мустақими диссертант ба вуҷуд омадааст, арзиши илмӣ ва амалӣ будани таҳқиқотро собит месозад.

10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ба талаботи Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30

июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб оид ба диссертатсия. Дар баробари ҷанбаҳои мусбии болозикр, ба андешаи мо, диссертатсияи тақризшаванда дорои якчанд норасогию пешниҳодҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Диссертант, асосан ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аммо дар таҳқиқот баъзе масъалаҳои муҳим, аз ҷумла таваккалҳои марбут ба фаъолияти кишоварзӣ, хавфҳои иқлимӣ, бозорӣ ва молиявӣ, ки метавонанд ба самаранокии истифодаи заминҳо ва ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсири назаррас расонанд, ба таври пурра ва муфассал мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд;

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гарчанде вилояти Хатлон таҳлил шудааст, аммо хубу беҳтар мешуд, ки муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор мегирифт;

3. Муаллиф тадбирҳои дастгирии давлатии рушди кишоварзиро зикр намудааст, аммо ба манфиати рисолаи илмӣ мебуд, агар ӯ ҷалби раванди сармоягузориро дар соҳаи кишоварзӣ бо назардошти имтиёзҳои мавҷуда таҳлил карда, ба он натиҷагирии дахлдор пешниҳоду арзёбӣ менамуд;

4. Дар қисмати тавсияҳо қайд мешавад, ки якчанд механизмҳои танзими муносибатҳои иқтисодӣ пешниҳод шудаанд, аммо масъалаи ворид намудани тағйирот ё такмили заминаи қонунгузории соҳа мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст. Дар ҳолати бе омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, амалӣ гардидани чунин пешниҳодҳо метавонад мушкил ё ҳатто номумкин гардад;

5. Дар диссертатсия пешниҳодҳои илмӣ бештар хусусияти назариявӣ доранд ва механизмҳои мушаххаси татбиқи онҳо дар хоҷагиҳои кишоварзӣ камтар шарҳ дода шудаанд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

12. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия. Умуман диссертатсия дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.2.6 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ тартиб дода шудааст, ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат менамояд. Диссертатсия таҳқиқоти илмии асосноккардидаи ба итмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Шарифзода Суҳроб Каримхон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ,
Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини директор оид ба илм, таълим
ва тайёр кардани кадрҳои илмии
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзи АИКТ — Одиназода Ш.Т.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини директор оид ба илм, таълим
ва тайёр кардани кадрҳои илмии
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзи АИКТ
Ш. Т. Одиназода -ро тасдиқ мекунам:

Сармутахасс оид ба кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзи АИКТ — Икромова М.Қ.

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Ҳаёти – Нав 306.
Тел: +992 (37) 236-37-67; +992 (37) 236-88-61. Факс: +992 (37) 236-37-67.
web-сайт: www.tniieosp.tj E-mail: info@.tniieosp.tj